# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзӯи “Асосҳои педагогии ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст.

Мавзуи мазкурро Ризоева Нигина Маҳмадуллоевна ҳанӯз аз соли 2017 мавриди ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии ДДОТ ба номи С. Айнӣ қабул гардидан ва ҳамзамон сармутахассиси Раёсати танзими Кумита оид ба дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудан интихоб ва мавриди таҳқиқ қарор доданд.

Дар давраи кор унвонҷӯ Ризоева Нигина худро ҳамчун шахсияти кордону нуктасанҷ, масъулиятнок ва қавиирода нишон дода, доимо аз болои баланд бардоштани маҳорати касбии худ кӯшиш менамояд. Бояд қайд кард, ки Ризоева Н. қобилияти мустақилона гузаронидани таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавиро бо истифодаи маводи васеи илмӣ нишон дода, аз сарчашмаҳои илмӣ, осори файласуфон, мероси намояндагони адабиёти классикӣ ва муосир, омӯзгорон, равоншиносон ва дигар олимон, ки дар дар раванди ташаккули ҷаҳонбинии миллӣ, эътиқоди ахлоқӣ, меъёру принсипҳои рафтори шаҳрвандии наврасон осори бою ғанӣ доранд, васеъ истифода намудааст.

Тавре маълум аст, тарбияи маънавию ахлоқии насли наврас ҳамчун рукни асосии ғояи давлатдорӣ яке аз самтҳои асосӣ ва муҳимтарин дар раванди рушди ҷомеа маҳсуб меёбад. Ҷиҳати мусбати мавзӯи интихобнамудаи Ризоева Н. аз он иборат аст, ки маҳз давраи наврасиро интихоб намудааст. Аз нуқтаи назари илмӣ давраи наврасӣ аз он мураккаб аст, ки маҳз дар ҳамин давра ташаккули ҷаҳонбинии шахсият сурат мегирад. Бинобар ин, муҳаққиқ ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасонро дар асоси арзишҳои миллӣ-фарҳангӣ, омӯзиши анъанаҳои миллӣ ва фарҳангӣ дар ҳамгироӣ бо арзишҳои муосири умумибашарӣ, ки тақозои ҷомеаи имрӯза мебошад, интихоб намудааст. Бо коркарди роҳу равиш ва истифодаи шаклҳои босамари кор истифодаи арзишҳои миллии халқи тоҷикро дар ташаккули худшиносии наврасон мақсад гузошта, ба он ноил ҳам гаштааст.

Яке аз муҳимтарин вазифа дар рафти таҳқиқот иборат аз он аст, ки аз захираи бузурги таълимоти педагогии мутаффакирони форсу тоҷик ва анъанаҳои фарҳангӣ мавод интихоб гардидааст, ки барои тарбияи

босифати насли наврас мусоидат менамояд. Таҳқиқоти Ризоева Н. дар асоси дастовардҳои педагогикаи муосири тоҷик ва бо назардошти ақидаҳои педагогии ниёгон таҳия шуда, тарбияи сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳувияти миллӣ, инсондӯстӣ, озодандешӣ, мавқеи шаҳрвандӣ, ташаббускорӣ ва амсоли инҳо дар наврасонро ташаккул медиҳад.

Таҳқиқоти мазкур мутобиқ бо методологияи он дар байни хонандагон, омӯзгорон ва коршиносон гузаронида шуда, дидгоҳ, хоста, манфиат, интизорӣ ва эҳтиёҷи имрӯзаи хонандагон ва аҳли ҷомеаро инъикос мекунад. Аз ин рӯ, дар таҳқиқоти мазкур масъала мавриди таҳлил қарор ёфта, барои таҳияи барномаи таълимии ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон, байни наврасон ва гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ пешбинӣ шудааст. Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила таҳлилу ҷамъбаст гардида, мақолаҳо дар нашрияҳо илмии тақризшаванда чопнамудаи унвонҷуй пурра мазмуни рисоларо фаро мегиранд.

Хулоса, таҳкиқоти Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна рисолаи мустақили тахассусии илмиест, ки дар он ҳалли як масъалаи муҳим, ки барои илм ва амалияи педагоги зарур аст, таҳқиқ гардидааст. Рисола ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021 ҷавобгӯ арзёбӣ гардида, барои дифоъ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) тавсия мешавад.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои педагогӣ, дотсент
мудири шуъбаи муассисаҳои таҳсилоти олии
касбӣ ва баъдидипломии
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Иматзода Лутфия Маҳмадулло

Имзои Л.Иматзодаро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.